«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. __________
аз «23» ____12____ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Холиқзода Омина Абдулваҳоб ҳангоми омода намудани диссертатсия унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Холиқзода Омина Абдулваҳоб соли 2005 ба ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ»-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2010 хатм намудааст.

Мавсуф солҳои 2007-2018 ба ҳайси лаборанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, аз соли 2018 то ҳол дар вазифаҳои ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2019, № 58-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуда, онро соли 30.12.2022 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019, таҳти № 9 (18-19) таҳти унвони «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Саъдизода Ҷаҳонгир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 06 декабри соли 2025, таҳти № 112 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20.12.2025 сол муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода ва иҷро гардидааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаи илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 воситаи таълимӣ ва 20 мақолаҳои илмӣ интишор шудаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро иникос менамоянд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавчудияти санадҳои тасдиккунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои арзишҳои илмӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада, метавонанд барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин муаррифии арзишҳои ҳуқуқии таърихӣ дар сарзамини тоҷикон муосидат намоянд.

Нуктаҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ манзуршуда, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳуқуқи инсон, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Таърихи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» ва курсҳои махсуси «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи занон» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мубрам ба ҳисоб рафта, барои рушди илми ҳуқуқи инсон ва назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихии ҳуқуқи халқи тоҷик буда, дар муқоиса бо тамаддунҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва ғояҳои ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик омода карда шудааст. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштташударо инъикос менамоянд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ мафҳуми «сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон»-ро бисёр олимона ва бо баинобатгирии унсурҳои гуногуни худ баён намуда, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар сарзамини тоҷикон ба чанд марҳила ва васила ҷудо намудааст. Муаллиф ишора менамояд, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон яке аз намудҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, асноди ҳуқуқие мебошанд, ки дар шакли сарчашмаҳои эътиқодӣ, ахлоқӣ, адабию фарҳангӣ ва қарору мадракҳои сиёсӣ-ҳуқуқии соҳибони фармон эҷод шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ ҷой дода, дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ҳамчун сарчашмаи танзими муносибатҳо баромад намудаанд.

2. Диссертант ҷойгоҳи халқи тоҷикро дар ташаккули арзишҳои ҳуқуқи инсон баланд баҳогузорӣ намуда, махсусияти инкишофёбии онро муайян кардааст. Аз нигоҳи пажуҳишгар, халқи тоҷик ҳамчун бардорандаи бори амонати фарҳанги вижа ва оламшумули таърихӣ, ки ба башар озодӣ ва адолатро дар шаклҳои намуна пешниҳод кардааст, дар зиёд аз масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар саргаҳи шинохти ғояи ҳуқуқи инсон қарор доштааст, ки шинохт, эълон ва эътирофи он вазифаи илми таърихи ҳуқуқи инсон аст.

3. Бояд ишора намуд, ки муҳаққиқ баҳри муайян намудани роҳҳои тадбиқи адолат ва додгустарӣ дар сарзамини халқи тоҷик бисёр талош намуда, нахусттадбиққунандаи онро дар ин сарзамин ишора менамояд. Аз ҷумла, ишора мегардад, ки аз мазмун ва моҳияти Авасто ва қисматҳои ҷудогонаи он метавон мушаххас намуд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба сифати нахустин довар, эҷодкунандаи меъёр ва танзимкунандаи муносибатҳо – Урвахшайа муаррифӣ шудааст. Урвахшайа дар баробари додгустарӣ ва таъмини адолат, инчунин ба танзими муносибатҳо машғул буда, меъёрҳои хусусияти танзимкунандаро эҷод карда, дар муносибатҳои додгоҳӣ аз онҳо истифода менамуд. Аз ин дидгоҳ, ӯро метавон ҳамчун нахустэҷодкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ тариқи амсоли судӣ дар сарзамини тоҷикон баҳогузорӣ намуд.

4. Ҳамзамон, муаллиф ба яке аз сарчашмаҳои бисёр муҳимми таърихӣ – Қонунномаи Сосониён рӯ оварда, мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқиро дар бахши ҳуқуқи инсон аз он ҷудо намудааст. Муҳиммияти ин таҳқиқот дар он аст, ки пажуҳишгар ҳуқуқҳои дар ин сарчашмаи таърихӣ ҷойдоштаро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо намудааст.

Чунин мисолҳо зиёд дар рисолаи илмӣ ба мушоҳида мерасанд, ки саҳми довталаб ва навгонии онро дар муҳити илмӣ бозгӯӣ менамоянд.

Диссертатияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Холиқзода О.А. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои таърихии марбут ба ҳуқуқи инсон асоснок карда шудаанд, ки онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 1 воситаи таълимӣ, 17 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 3 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро иникос менамоянд.

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Холиқова, О.А. Эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Қуръон [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2021. – № 2 (22). – С. 57-71; ISSN 2414 9217.

**[2–М].** Холиқова, О.А. Сарчашмаҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣамалӣ). – Душанбе, 2022. – № 2 (26). – С. 73-86; ISSN 2414 9217.

**[3–М].** Холиқова, О.А. Ҳуқуқи инсон дар катибаҳои бостон [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2025. – № 1 (37). – С. 86-91; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4–М].** Холиқова, О.А. Нақши Конститутсия дар таҳкими ҳуқуқи модар ва кӯдак [Матн] / О.А. Холиқова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2018. – № 4 (12). – С. 127-133.

**[5–М].** Холиқова, О.А. Манъи зӯроварӣ нисбат ба занон [Матн] / О.А. Холиқова // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 221-225.

**[6–М].** Холиқова, О.А. Мушкилоти никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». Ҳафтаи илм. Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2019. – С. 128.

**[7–М].** Холиқова, О.А. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Эъломияи Куруши Кабир [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 227-231.

**[8–М].** Холиқова, О.А. Эътирофи ҳуқуқи инсон дар нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илимҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбаам ДМТ, 2019. – С. 406 – 409.

**[9–М].** Холиқова, О.А. Андешаҳои ҳуқуқи инсон дар Авесто ва Вандидод [Матн] / О.А. Холиқова // Масъалаҳои назарявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқштносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2020. – С. 353-360.

**[10–М].** Холиқова, О.А. Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар «Авесто» [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» / Зери назари д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва д.и.к., профессор Сафармамадзода С.М. – Ҷилди II. – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2020. – С. 108.

**[11–М].** Холиқова, О.А. Аҳамияти омӯзиши таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик [Матн] / О.А. Холиқова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», «110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» / Зери назари д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва д.и.к., профессор Сафармамадзода С.М.– Душанбе, ҷилди II, чопхонаи ДМТ, 2021. – С. 111-112.

**[12–М].** Холикова, О.А. Общая характеристика правовых систем Китая и Таджикистана [Текст] / О.А. Холикова, Н.А. Холиков // Права человека в процессе глобализации: материалы республиканской научно-теоретической конференции (7 декабря 2021 года) // Под ред. д.ю.н., профессора Рахмон Д.С. – Душанбе: Типография ТНУ, 2021. – С. 133-140.

**[13–М].** Холиқова, О.А. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Қонунномаи Сосониён [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9- уми декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 145-152.

**[14–М].** Холиқова, О.А. Андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ [Матн] / Ҷ. Саъдизода, О.А. Холиқова // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-мин солагии қабули Конститутсияи ҶТ», «соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзи дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)». – Душанбе: ЧДММ«Мехроҷ-граф», 2024. – С. 324-328.

**[15–М].** Холиқова, О.А. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон [Матн] / Ҷ. Саъдизода, О.А. Холиқова // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 106-112.

**[16–М].** Холиқова, О.А. Ҳуқуқи инсон дар катибаҳои бостон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Шоев Ф.М., О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон принт, 2024. – С. 175-179.

**[17–М].** Холиқова, О.А. Аҳамияти омӯзиши таҳввули ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар замони муосир [Матн] / О.А. Холиқова // Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир: маводи конференсияи байналитлалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2025) / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ – Душанбе: Моҳи Мунир, 2025. – С.403-409.

**III. Воситаи таълимӣ:**

**[18–М].** Рахмон, Д.С., Саъдизода, Дж., Шоев, Ф.М., Искандаров Ш.Ф., Холикова, О.А., Холиков, Н.А. Основы государства и права [Текст]: учебное пособие / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Ф.М. Шоев, Ш.Ф. Искандаров, О.А. Холикова, Н.А. Холиков; под ред. д.ю.н., профессора Холикзода А.Г. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 136 с.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

**1.** Диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» таҳқиқоти илмӣ, таърихӣ ва назариявӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халки тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқукшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 20-уми декабри соли 2025, № 5 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок дошатнд: ҳамагӣ 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.С.

Имзои Мирализода И.Қ. ва Азизов С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«20» 12 2025с.